## ХУЛОСАИ

**Комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 045-и назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзуи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)” аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) пешниҳод шудааст.**

30.12.2022с. ш.Хуҷанд

Комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 045-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайъати: раис Азимов Абдумавлон Ҷалилович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, аъзоён: Раҳимов Абдулатиф Маджидович - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, узви шурои диссертатсионӣ, Абдуллозода Дилором - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, узви шурои диссертатсионӣ оид ба қабул намудани диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзуи «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Рисола дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расида, бо иштироки устодону аъзоён дар ҷаласаи васеи кафедраи номбурда (протоколи № 2 аз 30.09.2022) муҳокима карда шудааст

### 1. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Сабуров Ихтиёр Мухидинович ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Сабуров Ихтиёр Муҳидинович 19 майи соли 1988 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Соли 2012 Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуровро аз рӯи ихтисоси системаи автоматикунонидашудаи коркарди аҳбор ва идоракунӣ – бо касби муҳандис-иқтисодчӣ хатм намудааст.

Фаъолияти илмӣ-педагогии худро аз соли 2017 ҳамчун ассистенти кафедраи барномарезии Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров оғоз намудааст. Соли 2020 дар вазифаи муаллими кафедраи барномарезӣ фаъолияти худро давом дода, соли 2022 ба вазифаи муаллими калони кафедраи барномарезӣ интихоб гардидааст.

Аз соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг дар мавзӯи «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт таҳқиқот бурдааст.

Мавзӯи диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович таҳти унвони «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)» дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 2 июли соли 2018 протоколи №11 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Қодиров Абдураҳмон Лакимович доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги факултети иқтисодии МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

Ҳамчунин унвонҷӯ имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият супоридааст, ки шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳо аз ҷониби МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дода шудааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ руйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**2.Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ**

Диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович таҳти унвони «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии

Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умумиилмии таҳлил ва синтез, амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ, тадқиқоти эконометрикӣ, назарияи фоиданокӣ, назарияи оптималӣ гардонидани динамикӣ, муқоисаи статикии мувозинат ва таҳлили факторӣ мебошад. Муҳтавои мафҳумҳои маҷмуи сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ, масъалаҳои иқтисодии сайёҳӣ муайян карда шуда, низоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ нақш ва мавқеи сайёҳӣ муайян гардидааст. Ба рушди нишондиҳандаҳои сайёҳӣ таъсири омилҳо арзёбӣ гардида, ҳамчун система бо сохтори дохилии худ ва муносибатҳои алоҳидаи омӯзиши сайёҳӣ ҳамчун бозор гузаронида шудааст. Хусусияту марҳалаҳои хоси инкишофи сайёҳӣ дар асоси муносибати системавӣ дар Тоҷикистон ошкор гардиданд.

Дар рисола назарияи амсиласозӣ, равишҳои методологии рушди сайёҳӣ таҳлил ва ҷамъбаст карда шуда, islоҳоти иқтисодӣ ва дар бахши сайёҳӣ ҷой доштани таъсири омилу нишондиҳандаҳои зиёд, интихоби варианти беҳтарини таҳияи амсилаҳои иқтисодию математикӣ асоснок карда шудааст. Таҳлили усулҳои асосии рушди сайёҳӣ ва таснифи амсилаҳои фаъолияти сайёҳӣ сурат гирифтааст. Ҳамчунин, тадқиқи рушди соҳаи сайёҳӣ ва вобаста ба он ҳалли масъалаҳои ташаккули механизми самараноки воридшавии ҳаҷми калони сармоягузориҳои дарозмуддат ва истифодаи онро, чӣ дар байни сохторҳои сайёҳӣ ва чӣ дар сатҳи давлат дар рисола ҷараён гирифтааст. Асоснокунии назариявии интихоби самтҳои баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ ва зарурати ташкили сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ эҳтиёҷоти зиёди гузаронидани тадқиқоти раванди сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ мундариҷаи рисоларо ташкил додааст. Барои оптималӣ гардонидани рушди сайёҳии минтақавӣ амсилаи математикӣ-иқтисодӣ ва алгоритми татбиқи он таҳия ва пешниҳод шудааст. Амсилаи пешниҳодшудаи ҷолибияти сармоягузорӣ ба иншооти мавҷуда ва нав ба истифода додашавандаро ба пурагӣ инъикос менамояд. Амсилаи пешниҳодшуда имкон медиҳад дар ҳаҷми вобаста ба

пайдарпаии сохторҳои мухталиф ва объектҳои сармоягузории иқтидорҳои ҷолибияти сармоягузорӣ муайян гардад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастовардашуда ба бандҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 08.00.09 – «Медодҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт» мувофиқат мекунанд: 1.4. Таҳия ва тадқиқи амсилаҳо ва усулҳои математикии таҳлили равандҳо ва системаҳои микроиқтисодӣ: соҳаҳои иқтисоди миллӣ, муассисаҳо ва корхонаҳо, механизмҳои ташаккули талабот ва таклифҳо, бозорҳо, роҳҳои баҳододани миқдорӣ ба хавфҳои соҳибкорӣ ва асоснок кардани қарорҳои инвеститсионӣ; 1.9. Таҳия ва такмили усулҳо ва амсилаҳои математикӣ ва пешгӯии таҳлили рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ: бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, равандҳои демографӣ, сифати зиндагии аҳолӣ ва ғайра мувофиқат мекунад.

Дар рисола масъалаҳои рушд ва ташкили фаъолияти сайёҳӣ, бозори сайёҳӣ ва идоракунии соҳаи сайёҳӣ ҳамчун системаи иҷтимоию иқтисодӣ, рушди сайёҳии минтақавӣ ва арзёбии таъсири он ба низоми иқтисодию иҷтимоии минтақа, аз ҷумла масъалаҳои амалӣ ва назариявии омӯзиши бозори сайёҳӣ баррасӣ гардидааст. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт. Муаллиф дар татбиқи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи рушди маҷмуи сайёҳӣ ва дар шароити гузариш ба иқтисодии рақамӣ саҳми муайян гузоштааст. Ҳангоми муайян кардани инкишофи амсилаи зинабазинаи рушди маҷмааи сайёҳӣ муаллиф маҷмуи хизматрасониҳо ва чараёни ташаккули онро дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ба инобат мегирад. Вобаста аз манбаъҳои сармоягузорӣ тақсимоти маблағҳоро барои рушди маҷмааи сайёҳӣ ва сармоягузории нави фоидаоварро дар соҳаи сайёҳӣ таъмин менамояд. Мундариҷа ва муҳтавои рисола шаҳодат медиҳад, ки рисолаи мазкур кори баанҷомрасида буда, муҳимтарин навгониҳои илмро дар бар мегирад. Натиҷагирӣ хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф метавонад барои рушди илми иқтисолиёти муосири ватанӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварад.

**3.Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд**

Мукаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 15 маколаи илмӣ, аз он ҷумла 8 макола дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ҳамчунин 7 маколаи дигар, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30 июни соли 2021, № 267), тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳодшудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

**4.Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ**

Диссертатсия ба таҳқиқи маҷмуи амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳӣ дар минтақа бахшида шуда, дар он таҳлили вазъи кунунӣ ва заминаҳои рушди сайёҳӣ ҳамчун бахши пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф вобаста аз имкониятҳои мавҷудаи иқтисоди миллӣ ва зербахши он иқтисодиёти минтақа (вилояти Суғд), шароитҳои захираҳои табиӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намудҳои сайёҳиро соҳаи сердаромад тавсиф намуда, ҷанбаҳои эмпирикӣ, иқтисодӣ, демографӣ, амсиласозии эконометрикиро бо далелу нишондиҳандаҳои оморӣ ва формулаҳо нишон додааст.

Дар рисола амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи рушди комплекси сайёҳӣ бо назрдошти шароити иқтисоди рақамӣ, истифодаи оптималӣ гардонидани динамикӣ, таҳлили фракталӣ, ташаккул ва пешниҳоди як қатор хизматрасонӣ дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ва тақсимоти маблағҳои сармоягузорӣ барои рушди маҷмааи сайёҳӣ асоснок карда шудааст.

Дар таҳқиқот амсилаҳо, усулҳо ва алгоритмҳои таҳияшуда ба татбиқи стратегияи идоракунии рушди сайёҳӣ аз ҷониби мақомоти минтақавӣ ва маҳаллӣ нигаронида шудаанд. Амсилаи таҳиягардидаи иқтисодӣ-математикии рушди динамикии сайёҳӣ дар иқтисодиёти минтақа арзиши маҷмуи

хизматрасонии сайёҳиро бо назардошти хусусиятҳои бозорҳои минтақавӣ ва миллӣ муайян менамояд. Ҳисобҳои таҷрибавӣ дар асоси маводи маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд дар рисола нишон доданд, ки амсилаи иқтисодӣ-математикии пешниҳодшуда муносиб ва амалан дар компютерҳои муосир қобили иҷро мебошад ва ба таври стандартӣ барномарезӣ шудааст. Усули рақамӣ гардонидани амсилаи зинабазинаи таҳияшуда имконияти истифодаи онро дар ширкатҳои сайёҳӣ барои асоснок кардани суръат ва самтҳои рушди сайёҳӣ, мушаххас кардани муқарраротн рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои худ таъмин менамояд. Онҳоро дар ташкил ва такмили курсҳои макроэкономика, эконометрика, амсиласозии равандҳои макроиқтисодӣ ва тайёр кардани менеҷерони соҳаи сайёҳӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар рисола бо истифода аз усулҳои муосири математикии оптималигардонӣ ва таҳлил, санҷиши таҷрибавии амсилаҳо, формулаҳои асосноки ҳисоб ва коркарди маълумотҳо дар мисоли мушаххас тасдиқ карда шудаанд, ки асолати илмии рисоларо таъмин менамоянд. Аз ин рӯ, дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи мукараршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нест.

**5. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертасияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавӯи «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09 - «Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт» ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шавад:

- Ходжаев Парзиз Давронович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналхалқии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

- Назаров Акбар Шарифович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти Донишгоҳи давлатии техникии Тоҷикистон ба номи академик. М.Осимӣ, аъзои Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 045.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тайин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Азимов А.Ҷ.

Аъзоёни комиссия:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Раҳимов А. М.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Абдуллозода Д.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси раёсати МДТ
"ДДХ ба номи академик. Б. Ғафуров" — Наврӯзов Э.М.

30.12.2022